# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи манъ намудани воридоти воситаҳои нақлиёти автомобилии соли барориашон то соли 2013 ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Воридоти воситаҳои нақлиёти автомобилии соли барориашон то соли 2013 (мавқеъҳои молии 8702, 8703, 8704 ва 8705 Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) манъ карда шавад.

2. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат, барасмиятдарории гумрукӣ ва бақайдгирии воситаҳои нақлиёти воридшавандаро мутобиқи қарори мазкур таъмин намоянд.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2018, № 41 "Дар бораи манъ намудани воридоти воситаҳои нақлиёти автомобилии соли барориашон то соли 2005 ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз эътибор соқит дониста шавад.

4. Қарори мазкур пас аз ду моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, аз 31 июли соли 2023, № 355